ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ

“Садои мардум” дар низоми матбуоти даврии тоҷик нахустин нашрияест, ки дар саҳифаҳои он ҷараёни дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа, ташаккули малакаи таҳияи қонунҳо, оммавикунонии қонуну қарорҳо ва асноди расмиву ҳуқуқӣ, ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ, шаклгирии афкори нави омма, ҳамдигарфаҳмӣ, қонеъ намудани талаботи маънавии ҷомеа ба иттилооти муҳим ва созанда бозтоб ёфтаанд. Диссертант бо такя ба сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва маводди бойгонӣ бори нахуст омилҳои пайдоиш, таърихи нашр, мушаххасоти шакливу ороишӣ, мавзуиву жанрӣ, ҷанбаҳои типологӣ ва касбии ин нашрияи парлумонии кишварро ба таври маҷмуӣ таҳқиқ карда, нақш ва ҷойгоҳи онро дар фазои иттилоотии ҷумҳурӣ муайян намудааст.

Ба назари мо, ба риштаи пажуҳиш кашидани хусусиятҳои мундариҷавию сохторӣ ва типологии нашрияи парлумонии «Садои мардум» дар раванди рушди босуръати ҷомеаи иттилоотӣ, густариши технологияҳои рақамӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ, афзоиши босуръати ҳаҷми иттилоот ва тағйирёбии муносибатҳои коммуникатсионии ҷомеа масъалаи нақш ва таъсири расонаҳо ба равандҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ аҳаммияти хосса пайдо менамояд.

Дар ҳамин замина, интихоби мавзуи таҳқиқотии Султонов Муҳамадато Исоевич ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» саривақтӣ, дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва ба талаботи рушди журналистикаи муосир мувофиқ мебошад. Интихоби мавзуи пажуҳиш, пеш аз ҳама, замина фароҳам меорад, ки ҷойгоҳи нашрияи мавриди назар дар низоми матбуоти замони Истиқлоли Тоҷикистон ба таври шоиста муайян карда шавад.

Диссертант кӯшиш намудааст, ки фаъолияти нашрия ва мухбирони он дар партави дигаргуниҳои сиёсию иҷтимоии солҳои навадуми садаи гузашта ва баъди онро ба таври фарогир арзёбӣ намуда, бо пешниҳоди натиҷаҳои дорои хулосаҳои мукаммали илмӣ дастовардҳои дар ин замина мавҷударо пурра намояд.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки ин пажуҳиш аз ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар бобу фаслҳо муқаррароти таълифи рисолаҳои илмӣ риоя шуда, вазифаҳои дарпешгузошта иҷро шудаанд. Муҳимтарин нукта ин аст, ки муҳтавои боб ва фаслҳо ба

ҳамдигар алоқаманд буда, масъалаи мавриди таҳқиқро аз ҷанбаҳои назариявӣ, таърихӣ, методологӣ ва амалӣ пайдарпай фаро мегирад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки шаклгирии афкори нави омма, ҳамдигарфаҳмӣ, қонеъ намудани талаботи маънавии ҷомеа ба иттилооти муҳим ва созанда, аз ҷумла оид ба мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ, забону адабиёт ва фарҳангии миллӣ, тарз ва равишҳои ташаккул ва таҳаввули матбуоти даврии сифатан нав дар асоси таҷрибаи ин рӯзнома холисона баррасӣ шудааст.

Навгонии илмии кори таҳқиқотӣ дар он аст, ки бори нахуст заминаҳо, омилҳои пайдоиш ва зинаҳои ташаккул ва таҳаввули аввалин нашрияи парлумонии ҷумҳурӣ – «Садои мардум», вижагиҳои сохториву шаклии нашрия, аз ҷумла, ороиш ва дизайн, моҳияти таблиғию зебоишиносии ин унсурҳо ҳаматарафа таҳлил ва натиҷагирӣ шудаанд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси заминаи муайяни назариявӣ ва истифодаи усулҳои мувофиқи илмӣ ба даст оварда шудаанд. Истифодаи маводди нашрияи болозикр, таҳлили фаъолияти расонаҳои мушаххас ва натиҷаҳои пурсишҳои сотсиологӣ барои тақвияти асоснокии хулосаҳои таҳқиқ мусоидат намудаанд.

Бо вуҷуди арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқ, ҳангоми омӯзиши автореферат баъзе масъалаҳо ба назар мерасанд, ки баррасии муфассали онҳо метавонист муҳтавои таҳқиқро боз ҳам ғанӣ гардонад. Эродҳои мазкур асосан хусусияти тавсиявӣ дошта, ба такмили ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқ равона шудаанд.

Якум, мафҳумҳои «мавқеи муҳим», «бартарӣ», «аксар», «фаровон» ва «ҷойгоҳи хос» хусусияти арзёбӣ доранд, аммо меъёри муайянкунандаи онҳо мушаххас нест. Масалан, барои исботи бартарии хабарҳои хроникавӣ бояд шумораи умумии хабарҳои таҳлилшуда, теъдоди хабарҳои хроникавӣ ва таносуби онҳо нишон дода шавад.

Дуюм, матн маводди солҳои гуногунро фаро мегирад, аммо тағйироти жанрӣ дар даврањои гуногуни фаъолияти нашрия ба таври пайгирона таҳқиқ нашудааст. Масалан, хабарҳои солҳои аввали Истиқлол бо маводди солҳои 2020-2023 дар як силсила номбар шудаанд, вале фарқи онҳо аз нигоҳи вазифаи иттилоотӣ, сохтори матн, интихоби мавзуъ ва сабки баён равшан карда намешавад.

Сеюм, дар матн ихтилоф дар шарҳи хусусияти мусоҳиба дида мешавад. Дар матн омадааст: «Аксари мусоҳибаҳое, ки дар ин рӯзнома чоп шудаанд, дар навъи мусоҳиба-муколама буда, иртиботи яктарафаи мусоҳибаро барномарезӣ кардаанд». Ин ҷумла аз ҷиҳати мантиқӣ ва истилоҳӣ мушкил

дорад. Муколама, одатан, мубодилаи дуҷонибаи гуфтор аст, аммо «иртиботи яктарафа» маънои дигар дорад. Камбудӣ ин аст, ки муаллиф ду мафҳуми ба ҳам мухолифро дар як хусусияти жанрӣ муттаҳид кардааст.

Эродҳои зикршуда асосан аз хусусияти мухтасари автореферат ва маҳдудияти ҳаҷми пешниҳоди маводди илмӣ бармеоянд. Онҳо бештар хусусияти такмилдиҳанда ва тавсиявӣ дошта, ба натиҷаҳои асосӣ, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия таъсири ҷиддии манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.22. Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

МУҚАРРИЗ:
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Хоҷазод С.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. Толстой, хонаи № 25
Тамос: (+992) 93-855-52-99
E-mail: saidmurod1970@bk.ru

«Имзои д.и.филол., профессор С. Хоҷазодро тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.
«31» октябри соли 2026

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
Тамос: (+992 37) 224-13-83
Сомона: https://www.tgpu.tj/